## 3144 - Оё зан метавонад закоти молашро ба шавҳараш бидиҳад?

**савол**

Оё барои зан ҷоиз аст, ки закоти молашро ба шавҳараш бидиҳад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Барои зан ҷоиз аст, ки закоти молашро ба шавҳараш бидиҳад, агар шавҳар аз аҳли закот бошад, зеро нафақа (таъмини хӯроку пӯшок ва маскан)-и шавҳар бар зан воҷиб нест ва ҳамчунин дар ривояте омадааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба зани Абдуллоҳ ибни Масъуд (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) иҷозат додааст, ки закоти молашро ба шавҳараш Абдуллоҳ бидиҳад.

Фатовои Кумитаи доимӣ 9/253.

Аллоҳ таъоло донотар аст.